**Мавзӯъ: Ташаккули шахсияти кӯдакони синни томактабӣ. Нақши оила ва муҳити иҷтимои дар ташаккули шахсияти кудак.**

**Нақша:**

**1.Хусусиятхои ташаккулёбии шахсияти кудакони сини томактаби.**

**2.Таъсири калонсолон ба инкишофи шахсияти томактабиён.**

- Шахс хастии бошуур ва фаъоли табиату ҷамъият мебошад ва он дорои хусусиятхои фарди-психологи мебошад,ки як шахсро аз шахси дигар бо характер, мизоҷ, қобилият, талабот, шавку хавас ва фаъолноки фарк мекунанд.
- Шахс дорои хусусиятҳои хоси ҷисмони ва психики аст.
- Шахс намояндаи ҷамъияти муайян, шахрванд аст.
- Шахс дар хаёти чамъияти фаъолона иштирок менамояд ва фаъолнокии худро дар он зоҳто менамояд.
- Шахс хамчун мачмуи муносибатҳои иҷтимои баромад мекунад ва аъзои яксанд гуоух аст (у фарзанд, тарбиягиранда, талаби , хамсоя, коргар ва гайра) у муносибатхоеро ифода мекунад, ки танҳо ба ӯ хос аст. (кобилият, хавас, сифати характер, хиссиётхои аз саргузарони).
- Хусусиятхои шахсият дар характер ва дар чоришавии фаъолиятхои психики ифода меёбад ва ба худ хос эҳсос, идрок, хотир, диккат, тафаккур, тахаюлот дорад.
- Шахс ба худшуури кодир аст. Оламро дониста мегирад, ба ходисаю табиат ва ба рафтору кирдори худ бахо медихад, фаъолияташро идлра мекунад.

Шахсият аз маҷмӯи хислатҳое иборат аст, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Ба ташаккулёбии шахсияти кӯдак оила, калонсолон, ҳамсолон, мҳит ҷомеа таъсири калон мерасонад. Кӯдак дар раванди ташаккулёфтани шахсият хусусиятҳои психологӣ ва шаклҳои нави рафторро азхуд менамояд. Рафтор шакли зоҳиршавии муносибати инсон ба муҳити атроф мебошад, яъне дар рафтор шахсияти инсон зоҳир гардида, характери ботинии ӯро ифода мекунад. Дар давраи томактабӣ талабаҳо ба рафтори кӯдак аз тарафи калонсолон зиёд мешавад. Талаботҳои асоси ин риояи қоидаҳои рафтори ҷамъияти, меъёрҳои ахлоқӣ – маънавӣ ба ҳисоб меравад. Кӯдак аз доираи маҳдуди наздикон ба доираи васеи ҳамсолон мебарояд ва ба фаъолияти якҷоя дохил

мешавад, дар ҳамдастӣ амал карданро омӯхта, ба ақида ва фикри онҳо ҳамроҳ мешавад.

Дар синни  калони томактабӣ азхудкардани қоидаҳои муносибатҳои ҳамдигарфаҳмии байни кӯдакон ба ҷои аввал мебарояд. Мураккаб шудани фаъолияти кӯдакон талаб мекунад, ки доимо андешаҳо, қоида ва шавқу ҳаваси ҳамсолон ба назар гирифта шавад. Қоидаҳои ҳамдигарфаҳмиро кӯдакон бо мушкили аз худ менамоянд ва дар аввал ин қоидаҳоро бо сабаби нафаҳмидани хусусиятҳои вазъияти конкретӣ рӯяки иҷро мекунанд. Дар натиҷаи ба даст овардани таҷриба кӯдакон қоидаҳои муносибатҳои  ҳамдигарфаҳмиро меомӯзанд.

Баъд аз ба вуҷуд омадани муносибатҳои эмотсионалӣ нисбат ба худ ва ба кадом ҷинс таалуқ доштанаро фаҳмида кӯдак кӯшиш менамояд, ки ба талаботҳои калонсолон ҷавобгӯ бошад. Кӯдак мехоҳад, калонсолон ӯро эътироф намоянд. Дар кӯдак ҳиссиётҳои ахлоқӣ ба вуҷуд меояд. Ташаккули ҳисси ахлоқӣ - маънавӣи шахсиятро донишҳое, ки кӯдак аз худ менамояд ташкил медиҳанд; одатҳои рафтори ахлоқӣ - маънавиро дар раванди муоширати бо одамони атроф меомӯзад. Дар аз худ намудани намунаҳои рафтор ва қоидаҳои рафтор инкишофи ҳисси рӯҳбаландӣ ва ҳисси шарму ҳаё (хиҷолат), ки аз тарафи калонсол баҳо дода мешавад аҳамияти калон дорад. Томактабиён ҳисси рӯҳбаландиро натанҳо дар мавриди иҷро намудани талаботҳои калонсолон, балки нисбат ба сифатҳои мусбие, ки дар худ мебинанд (ҷасурӣ, ростқавлӣ, дасти ёрӣ расонидан ба дигарон) зоҳир менамоянд.

Ҳисси  шарму ҳаё (хиҷолат), дар  томактабиён дар он маврид ба вуҷуд меояд, вақте, ки худи кӯдак мефаҳмад, ки ӯ  қоидаҳои рафторро вайрон кардааст. Кӯдак аз рафтори дағалонаи худ, тарсончакӣ,  бахилӣ, аз беҳурматӣ нисбат ба дигарон зоҳир намудааш шарм мекунад.

Дар давраи томактабӣ кӯдак ҳоло аз вобастагии калонсолон берун набаромадааст. Калонсолон фаъолнокии рафтор ва фаъолияти кӯдакро назорат менамоянд.

Муайян карда шудааст, ки агар калонсолон муваффақиятҳои кӯдакро дастгирӣ намуда ба  номуваффақиятии кӯдак ҳамдарди зоҳир намоянд ин гуна кӯдак ҳиссиёти хуби эмотсионалиро нигоҳ медорад ва барои ислоҳ шудан кӯшиш менамояд. Дар шароити барқарор намудани муносибатҳои мусбии байни калонсолон дар  кӯдак ҳисси боварӣ бавуҷуд меояд, ки дар натиҷа кӯдак бо ҳамсолон ва одамони атроф ба осонӣ  ба муошират дохил мешавад.

Муносибати бадбинона ва хунукназаронаи калонсолон нисбат ба кӯдак фаъолнокии иҷтимоии кӯдакро паст менамояд: кӯдак канораҷӯи намуда, худро аз дигарон дур мегирад, хотирпарешон шуда тез гиря мекунад ё худ ба тарсу изтироб дода шуда ҳангоми ба максад нарасидан ҳиссиётҳои агрессивона ба вуҷуд меояд.

Аксарияти кӯдакон дар шароити зоҳир шудани муносибатҳои хунукназарона аз тарафи калонсолон аз фаъолият даст мекашанд ё худ фаъолияти оғозкардаи худро қатъ мекунанд, дар онҳо ҳисси бепарвоӣ ва хунукназарӣ ба вуҷуд меояд. Дар аксарияти кӯдакон чунин муносибатҳо комплекси норасоиро ба вуҷуд меоранд. Дар бавуҷудомадани комплекс калонсолон гунаҳкоранд. Аз рӯи нишондодҳои психологҳо 90% кӯдакони душвортарбия, ки аз ҷониби падару модар меҳрубонӣ ва дӯстдориро эҳсос накардаанд дар зершуури онҳо ҳисси гунаҳкорӣ дар назди падару модари худ пайдо мешавад. Кӯдак нохост тирезаро шикаст, ӯ гунаҳкор дониста мешавад. Муносибати манфии калонсолон, ки нисбат ба кӯдак зоҳир мешавад дар кӯдак аксуламали гуногунро ба вуҷуд меорад: кӯдак роҳҳои ислоҳшавиро ҷустуҷӯ мекунад ва бо калонсолон алоқа барқарор мекунад ё худ канораҷӯӣ намуда аз муошират худро дур мекунанд. Қисми дигари кӯдакон, баръакс суръати корро метезонанд, вале самаранокии фаъолият паст мешавад.

Муайян карда шудааст, ки муҳаббати дигарон ва муҳаббат нисбат ба дигар одам ин талаботи асосии инсонӣ мебошад. Ҷои асосиро муҳаббати модар нисбат ба фарзанди худ ишғол мекунад. Ҳамаи талаботҳои кӯдак ба воситаи модар қонеъ мегардад, модар ин сарчашмаи хурсандӣ ва хушҳолии кӯдак буда дар ӯ ҳисси ҳимоя ва осудаҳолии эмотсионалиро ба вуҷуд меорад. Кӯдак ба модар эҳтиёҷ дорад ва бо ҳар восита мехоҳад диққати модарро ба худ ҷалб намояд.

Гулнораи шашсола духтарчаи гапдаро ва хеле қобил мебошад. Ӯ хоҳиши падару модарашро бе чуну чаро иҷро мекунад ва онҳо духтарашонро ҳеҷ вақт сарзаниш намекунанд. Аҳмадҷони сесола додараки хурдакаки ӯ бачаи шуху гапнодаро аст. Падару модар доимо ба у аҳамият дода рафторрашро ба забон мегиранд, ӯро сарзаниш мекунанд доимо бо ӯ машғул мешаванд.

Рӯзе мешавад, ки Гулнора якуякбора инҷиқӣ мекунад. Модар ӯро сарзаниш мекунад ва мебинад, ки духтараш аз ин муносибати модар хушҳол мешавад.

-Модарҷон сарзаниши шумо ба ман хеле маъӯул аст- мегӯяд Гулнора.

- Барои чи?- дар хайрат монда мепурсад модар.

-Чунки шумо низ бо ман машгул мешавед – ҷавоб медиҳад духтар.

Аз ин мисоли оварда шуда маълум мешавад, ки кӯдакони синну соли томактабӣ доимо ба худ эътибор доданро аз калонсолон талаб мекунанд.

Кӯдакони хурдсол нисбат ба модари худ дилбастагӣ зоҳир менамоянд, томактабиён бошанд мехоҳанд, ки ҳамаи наздикон онҳоро эътироф намуда байни онҳо муносибати хуб ба вуҷуд ояд. Ваҷҳи рафтор ва барқарор намудани муносибатҳои мусбии байниҳамдигарии калонсолу кӯдак инкишофи иҷтимоии кӯдакро муайн мекунад. Муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдак ва калонсол аз муошırати калонсол вобастааст.

Дар шароити муносибатҳои эмотсионалии мусбӣ аз тарафи калонсолон дар кӯдак муносибати боваринок ба вуҷуд меояд, кӯдак кӯшиш менамояд, ки дар кор фаъол бошад ва қоидаҳои рафторро риоя намояд. Меҳрубонӣ ва муошıратнокии калонсолон ҳамчун шароити инкишофи сифатҳои мусбии иҷтимоӣ баромад мекунад.

Муносибатҳои хунукназаронаи калонсолон, беаҳмиятии онҳо дар кӯдак эмотсияҳои манфиро бавуҷуд оварда кӯдакро дарундор мекунад. Ин гуна муносибатҳо дар кӯдакон сифатҳои манфии рафторро ба монанди канораҷӯи, агрессия, дурӯғгуӣ, дурӯягӣ, хушомадгӯи, чаплусӣ, фармонбардорӣ ва монанди инҳоро ба вуҷуд меорад. Дар аксарият вақт рашкро ба вуҷуд меорад, ки он дар комплексҳои гуногун зоҳир мешавад.

Дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо кӯдак калонсолон шаклҳои таъсиррасонии эмотсионалиро бояд дуруст интихоб намояд.

Дар инкишофи худшиносии кӯдак ҳамкорӣ бо калонсолон, ки ба муайян кардани муносибат нисбат ба олами ашёҳо, ҳамаи мавҷудоти зинда, нисбат ба инсон ва нисбат ба худи кӯдак равона карда шудааст аҳамияти ҳалкунанда дорад. Кӯдак аз калонсолон дар бораи худаш маълумот мегирад, яъне ки ва ба кадом ҷинс таалуқ доштанашро фаҳмида мегирад.

Муайян кардани арзишҳои ҷинсии худро кӯдак дар оила меомӯзад. Падар ва модар арзишҳои ҷинсии ба худ хосро доранд. Чунин хусусиятҳо ба монанди дилсӯзӣ, хасосият, меҳрубони танҳо ба зан мансуб аст, ҷасурӣ, қавиродагӣ, худдорӣ ба мардҳо мансуб.

Хусусиятҳои ба мард хос ва ба зан хос дар психологияи кӯдак аз мушохидаи рафтори падар ва модар ба вуҷуд меояд. Муносибати падар ва модарон нисбат ба ҷинси фарзанд низ дар ташаккулёбии шахсияти кӯдак накши мухимро мебозад. Вобаста ба ин дар кӯдак рафтор шакли муайянро пайдо мекунад.

Дар аксарият оилаҳо падару модарон ба ҷинси фарзанд аҳамияти калон медиханд. Таваллуди духтар ё писар муносибати байни зану шавҳарро муайян карданаш мумкин аст, ин муносибатҳои байни зану шавҳар ба фарзанд таъсири гуногун мерасонад.

Дар давраи томактабӣ кӯдак эътирофи шахсияти худро аз калонсолон талаб менамояд.  Кӯдак мехоҳад, ки барои ҳар як амал ва корҳои хубаш аз тарафи калонсолон баҳои сазовор гирад. Калонсол бояд ин хоҳиши кӯдакро ба ҷо орад ва кӯдакро дастгирӣ намояд. Аксарияти калонсолон  чунин репликаҳоро ба кӯдак мегӯяд: « ту аз ӯҳдаи ин кор намебарои» «барои чӣ ба ин кор даст задаи», «ту ҳеҷ чизро намедонӣ», «бо саволҳои бемаънӣ  ба ман халал нарасон» ва ғ. Чунин репликаҳое, ки шахсияти кӯдакро паст мезанад дар натиҷа дар кӯдакон комплексҳои ноқисиро ба вуҷуд меоранд, ӯ худро ноҳинҷор ҳис карда ба қувваи худ боварӣ пайдо намекунад. Ин ҳиссиёт ба ташаккули шахсият таъсири манфӣ мерасонад, ки онро инчунин шаклҳои манфии рафтор ё худ ноқисиҳои рафтор низ меноманд.

**Инкишофи ирода дар давраи томактабӣ**

Рафтор ва кирдори кӯдакони синну соли томактабӣ ғайриихтиёрӣ буда, мустақилона мақсадгузорӣ дида намешавад, яъне калонсол ба онҳо роҳбарӣ ва назорат мекунад. Механизми асосии инкишофи ирода тобеъ шудан ба мақсад  ҳисоб мешавад. Рафтор ва мақсади шахсӣ ба мақсади ҷамъиятӣ тобеъ мешавад. Рафтори бад ба рафтори хуб тобеъ мешавад.

Масалан. Кӯдак намехоҳад бозичаҳоро ҷамъ карда ба ҷояш гузорад аммо маҷбур аст ки ҳамаро ҷамъ карда ба ҷояш гузорад.

Ар амали гаштани мақсад кӯдак натанҳо ба нокомӣ балки ба бурбодиҳо низ ноил гардад ин бурдбориҳо аз тарафи калонсолон эҳсос шавад ва кӯдакро таъриф карда дастгири намояд ҳар як рафтори хуби кӯдак бояд таъриф карда шавад кӯдакро рухбаланд карда ба рафтори хуб водор мекунад. Нақши муҳимро дар инкишофи ирода нутқи калонсол мебозад. Ба воситаи нутқ калонсол рафтори кӯдакро баҳо медиҳад, назорат мекунад. Дар  синни 5-6 кӯдак ба нақша гирифани  фаъолияти худро ёд мегирад ва онро дар нутқ баён мекунад.

Тавсифи умумии инкишофи ирода

Рафтор дар аввал аз тарафи калонсол ба воситаи сухан  назорат карда мешавад баъд кӯдак ба воситаи сухани худ рафторашро идора мекунад.

Дар аввал калонсол рафтори кӯдакро ба нақша мегирад баъд кӯдак рафтору амалиёташро ба нақша мегирад.